ТАҚРИЗИ

рохбари илмӣ оид ба диссертатсияи Мирзоева Мехрбону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография пешниҳод шудааст

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоева Меҳрбону Умаровна дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва афзоиши ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳони имрӯза мубрам ба ҳисоб рафта, аҳамияти муҳими назариявию амалӣ дорад. Масъалаи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик аҳамиятнок аст, чунки тайи солҳои охир равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон нақши бузург дорад.

Бояд қайд кард, ки мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ шавқи зиёди фанҳои гуногуни илмиро ба худ ҷалб менамояд, ба монанди: демография, иқтисодиёт, омор, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, сотсиология ва дигарҳо. Зеро ҷанбаҳои гуногуни онро бо дарназардошти содирот ва воридоти маблағҳои муҳоҷирон дар ҳаҷми як илми алоҳида омӯзиш ва пешгӯй кардан, ба маънои томи он имконнопазир мебошад.

Мирзоева М.У. соли 2015 бомуваффақият Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намуд. Баъдан, бо мақсади такмили донишҳои худ, таҳсилро дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон давом дод ва онро соли 2020 бо ихтисоси идоракунии давлатӣ хатм намуда соҳиби маълумоти дуюм гардид. Айни замон Мирзоева М.У. дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи идоракунии молияи давлатӣ фаъолият карда истодааст. Бояд қайд кард, ки унвонҷӯй доир ба мавзӯи интихобшуда аз соли 2019 корро бурда истодааст ва диссертатсияи пешниҳодшуда бо чунин ҳаҷм аввалин дар Тоҷикистон бахшида ба масъалаи нақши маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад.

Дар давраи гузаронидани тадқиқот усулҳои гуногуни илмӣ ва маводҳои назариявию амалӣ истифода бурда шуда, ҷамъоварӣ ва таҳлил гардиданд. Мирзоева М.У. дорои хусусиятҳои неки инсонӣ, малакаи баланди корӣ ва тасаввуроти такмилёфтаи илмию амалӣ мебошад.

Унвонҷӯй натиҷаҳои тадқиқотиро дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун муаррифӣ намуда, маҳорати баланди таҳлилӣ ва тафаккури танқидӣ дорад. Нисбат ба худаш серталаб буда, дар байни кормандони донишгоҳ ҳурмату эҳтиром дорад. Дар фаъолияти корӣ усулҳои нави омӯзгориро ба осонӣ дарк намуда, дар такмили донишу малакаи худ мунтазам истифода мебарад. Дар давраи омода намудани диссертатсия ташаббуси шахсиро нишон дода, вазифаҳои гузошташударо оид ба сифатан беҳтар кардани матни рисола саривақт ичро менамуд.

Аз мӯҳлати аввали оғоз намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ мақолаҳои марбут ба мавзӯи диссертатсиониро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ватанӣ ва дигар нашрияҳо ба табъ расонида, дар татбиқи амалии натиҷаҳои рисолаи анҷомдодашуда корҳои назаррасро ба сомон расонидааст. Ҳамагӣ панҷ мақолаи илмии Мирзоева М.У. дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст, ки дар онҳо ҷиҳатҳои асосии рисолаи илмӣ пешниҳод гардидаанд. Аз ин хотир, гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, иброз намудан мумкин аст, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии анҷомдодаи Мирзоева М.У. дар доираҳои илмӣ ва конференсияю семинарҳои ҷумҳуриявӣ муаррифӣ шудааст.

Бо дарназардошти фикру ақидаҳои зикргардида, ҳаминро қайд менамоем, ки диссертатсияи Мирзоева Меҳрбону Умаровна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимояи ошкоро тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
н.и.и., мудири бахши муҳоҷирати
аҳолии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Бобоев А.А.

"Имзои А.А. Бобоевро тасдиқ мекунам"

Сардори шӯъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Қурбонов Э.Т.

ШУЪБАИ КАДРХО
ОТДЕЛ КАДРОВ

31.05.2022 с.